# Ф А Р М О И Ш И
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 11.02.2020 № 702 ш. Душанбе

Дар бораи иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020, №АП-1325 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020, №АП-1325 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, мутобиқи банди 11-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020, №АП-1325 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2.Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, тасдиқ карда шавад (нақшаи чорабиниҳо замима мегардад).

3.Ба роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он, сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, директор ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ супориш дода шавад, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, дар мӯҳлати муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илм маълумотномаи расмӣ пешниҳод намоянд.

4.Ба сардорони раёсат, шуъба ва масъулини дастгоҳи марказии вазорат супориш дода шавад, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро дар мӯҳлати муайяншуда ҷамъбаст намуда, аз натиҷаи иҷрои он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

5.Ба директори матбааи Вазорати маориф ва илм (Ш.Сангин-муродов) супориш дода шавад, ки нақшаи мазкурро ба миқдори 250 адад тибқи талабот чоп намояд.

6.Ба раёсати илм ва инноватсия (Н.Сайдализода) супориш дода шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси масъулин гардонад.

7.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм М.Саломиён ва муовинони вазир Л.Назирӣ, Д.Қодирзода ва Н. Собирзода гузошта шавад.

Асос: Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020, №АП-1325 доир ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд.

Вазир М.Имомзода

Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 11.02.2020, №702 тасдиқ шудааст

**Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019**
**«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд.**

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлат | Иҷрокунандагон | Масъулин |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия, тасдиқ ва мавриди иҷро қарор додани Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиш ва амалӣ намудани вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд (банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Январи соли 2020 | Раёсати илм ва инноватсия | М. Саломиён<br>Н.Сайдализода |
| 2. | Ба роҳ мондани омӯзиши ҳамаҷонибаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои соҳаи маориф | Мунтазам | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, роҳбарони зерсохторҳои вазорат, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф, сардорони раёсат ва муди- рони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | М. Саломиён<br>Ф. Расулзода |
| 3. | Ташкили суҳбату гузоришҳо тавассути ВАО роҷеъ ба нуктаҳои муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба | Мунтазам | Маркази матбуот, раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбар- | М. Саломиён<br>Э. Сафарзода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | они зерсохторҳои вазорат, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | |
| 4. | Таҳия ва чопи мақолаҳо дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла дар нашрияҳои соҳавӣ роҷеъ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | Маркази матбуот, раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони зерсохторҳои вазорат, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо | М. Саломиён<br>Э. Сафарзода |
| 5. | Назорати доимии ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисодиёти миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ (банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Н.Собирзода<br>Б.Музаффаров |
| 6. | Омода кардани мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосир дар самти хизматрасонии сайёҳӣ (банди 42-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Раёсатҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Д.Қодирзода<br>Ҳ. Ваҳзода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 7. | Дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат таъсис додани Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат бо мақсади муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ ва тарбияи кадрҳо (банди 42-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ ва шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот | М.Саломиён<br>Д.Қодирзода<br>Ф. Ҳайдаров<br>А.Ҷӯраев |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8. | Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликият, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим (банди 46-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Раёсатҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ваизода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 9. | Пурзӯр кардани назорати азхудкунии донишҳои замонавӣ, ташвиқи наврасону ҷавонон ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ва тақвияти қобилияти эҷодии онҳо (банди 47-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Раёсатҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ваизода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 10. | Таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ,омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ дар ин самт, ба воя расонидани насли ихтироъкор, соҳибкор, ҳунарманд ва донишманд (банди 48-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Раёсатҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ваизода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 11. | Эътибори ҷиддӣ додан ба таҳқиқи илмҳои табиатшиносиву дақиқ ва омода кардани рисолаҳои номзадиву докторӣ дар ин самт (банди 49-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия | М. Саломиён<br>Н.Сайдализода |
| 12. | Таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба эълон намудани солҳои 2020-2040 ҳамчун “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (банди 50-и Нақшаи чорабиниҳои | Феврали соли 2020 | Раёсатҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ваизода<br>Ф. Ҳайдаров |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳукуматӣ) | | | |
| 13. | Таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо доир ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (банди 51-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Майи соли 2020 | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 14. | Амалӣ кардани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурзӯр кардани корҳои маърифатӣ бо мақсади иҷрои санади мазкур (банди 52-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Ҳар се моҳ | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 15. | Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намудани олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва аз лиҳози моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани ғолибони озмунҳои мазкур (банди 53-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Ҳар сол | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Ализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 16. | Ҷалби ҷавонони боистеъдод ва ихтироъкору ҳунарманд барои таҳсил дар донишгоҳҳои хориҷи кишвар ва ба ин васила омода кардани мутахассисони варзида (банди 55-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва Маркази барномаҳои байналмилалӣ | М. Саломиён<br>И.Камолзода<br>И.Шодиён |
| 17. | Андешидани тадбирҳо дар самти риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар муассисаҳои таҳсилоти | Ҳар нимсола | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди- | М.Саломиён<br>Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | миёна ва олии кишвар ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва русиву англисӣ (банди 56-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | дипломӣ ва илм ва инноватсия | Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров<br>Н.Сайдализода |
| 18. | Баланд бардоштани завқи мутолиаи китоб миёни ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, савияи донишу маърифатнокии хонандагону донишҷӯён (банди 57-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 19. | Ҳамасола баргузор кардани озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” аз рӯйи се самт: якум-миёни тарбиятгирандагону хонандагони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, дуюм-таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва сеюм - байни калонсолон (банди 58-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Ҳар сол | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ ва илм ва инноватсия | М.Саломиён<br>Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров<br>Н.Сайдализода |
| 20. | Зиёд намудани чопи китобҳои бадеӣ, миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи на кам аз панҷ китоби бадеӣ дар як сол ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузаштаву муосир (банди 59-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ ва муассисаи нашриявии ма-ориф | Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров<br>К.Исозода<br>Н.Зайниддинов |
| 21. | Афзоиш додани ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои зиёд кардани фонди китоби | Мунтазам | Раёсати иқтисод ва ба-нақшагирӣ дар соҳаи | Н.Собирзода<br>Б.Музаффаров |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (банди 60-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | маориф | |
| 22. | Ташкил намудани китобхонаҳои идоравӣ ва таъмин кардани онҳо бо китобҳои шоирону нависандагони шинохтаи тоҷик ва ҷаҳон (банди 61-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Муассисаи нашриявии “Маориф” | Ф.Расулзода<br>К.Исозода<br>Н.Зайниддинов |
| 23. | Аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо теъдоди зарурӣ чоп намудани китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ва дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як оилаи кишвар тақдим намудани он (банди 62-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Солҳои 2020-2021 | Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Муассисаи нашриявии “Маориф” | К.Исозода<br>Н.Зайниддинов |
| 24. | Ба забонҳои байналмилалӣ тарҷума ва чоп кардани китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ва тавассути шабакаҳои иттилоотӣ паҳн кардани шакли электронии он (банди 63-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Муассисаи нашриявии “Маориф” | К.Исозода<br>Н.Зайниддинов |
| 25. | Дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор намудани ҷашнҳои 5500-солагии Саразми бостонӣ ва 700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ (банди 64-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Соли 2020 | Раёсати илм ва инноватсия ва мушовири вазир | М.Саломиён<br>Н.Сайдализода<br>И.Аминов |
| 26. | Мусоидат намудан дар баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии | Ҳар сол | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, | М.Саломиён<br>Л.Назирӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” (банди 66-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ ва илм ва инноватсия | Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров<br>Н.Сайдализода |
| 27. | Мусоидат дар таҳияи лоиҳаи Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (банди 71-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | То 1 июли соли 2020 | Раёсатҳои таҳсилоти иб-тидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Д.Қодирзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 28. | Беҳтар намудани сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таъсис додани ихтисосу ҳунарҳое, ки барои кишвар заруранд, бо шуғл таъмин кардани сокинони мамлакат, бахусус занону духтарон (банди 72-и Нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | Ҳар се моҳ | Раёсатҳои таҳсилоти иб-тидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ | Д.Қодирзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров |
| 29. | Чораандешӣ дар тарғиб ва татбиқи ташаббуси чоруми ғлобалии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028” | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти то-мактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъди-дипломӣ ва илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф | М.Саломиён<br>Л.Назирӣ<br>Д.Қодирзода<br>Қ.Муҳидинзода<br>Ҳ. Вализода<br>Ф. Ҳайдаров<br>Н.Сайдализода |